# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025.**

Таҳқиқу баррасии мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон», дар таърихнигории муосири тоҷик воқеан, як падидаи нав ва хеле муҳим буда, аз нигоҳи самтгирии таҳқиқ ба бахшҳои мухталиф тақсим мешавад, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ тавонистааст аз уҳдаи ҳаллу фасли масъалаҳои дар наздаш гузошташуда барояд. Ба тариқи густурда ба риштаи таҳқиқ кашидани мавзуъ заминаи мусоидеро дар ихтиёри муҳаққиқ гузоштааст.

Аҳамияти мавзуи таҳқиқишуда дар он ифода меёбад, ки дар заминаи осори бунёдии ба таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик бахшидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омадааст. Осори Пешвои миллат бо истифода аз манбаъҳои муътамади таърихӣ баррасӣ шуда, манфиатҳои таърихии аҷдоди тоҷиконро ҳимоя менамояд. Муаллиф илова ба муқаддима, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёт, масъалаҳои калидиро дар панҷ боб ва ёздаҳ зербоб баррасӣ намуда, натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажуҳишашро бо мундариҷаи илмӣ ҳамоҳанг сохтааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи мазмуну мундариҷаи он равшан мегардад, ки муҳаққиқ аз ҷузъиёти масъала ба хубӣ огоҳ буда, талаботи рисолаи илмӣ-таҳқиқиро холисонаву мунсифона ва ҳодисаҳои таърихиро аз дидгоҳҳои Эмомалӣ Раҳмон ва муҳаққиқони соҳибназар нисбат ба воқеоти муҳимми таърихии давраи таҳқиқот хеле хуб баррасӣ намудааст.

Диссертант аз шеваҳои таҳлили эмпирикии мазмуну муҳтавои сарчашмаҳои дасти аввал, матни асл ва тарҷума огоҳӣ дошта, назарияи манбаъшиносиро дар такя ба нишондоди сарчашмаҳои таърихӣ амалӣ кардааст. Омӯзиши автореферати диссертатсия бо сароҳат нишон медиҳад, ки муқаддимаи он мувофиқи талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ навишта шуда, дар ҳар боб ва

зербобҳои он маълумоти боэътимоди таърихӣ аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда дарҷ ёфтаанд.

Дар боби аввал – «Бозтоби масоили мубрами таърихи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» масъалаи назариявӣ ва методологии омӯзиши мавзуъ, ташаккули ақвом ва тамаддуни ориёӣ ва рушди давлатории сулолаҳои ориёӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби дувум – «Дараҷаи омӯзиши забон, эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон» муаллиф масаълаи таърихи ташаккули забонҳои ориёиҳо ва дину оини онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ду унсури меҳварии тамаддуни ниёгони тоҷикон бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ аз ҷониби диссертант хеле хуб баррасӣ ва таҳлил мегардад.

Боби сеюм «Инъикоси масъалаи истилои араб ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар осори Эмомалӣ Раҳмон» фарогири масоили раванди сиёсати забткоронаи арабҳо дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ва ҳаракатҳои озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар муқобили сиёсати қавмгароии арабҳо мебошад.

Муаллиф дар боби чорум – «Вижагиҳои густариши тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» масъалаи омилҳои ташаккули ҳаракатҳои фикрӣ дар муқобили сиёсати қавмии арабҳо ва ҷалби сулолаҳои тоҷиктаборро ба низоми идории Хилофат баррасӣ менамояд.

Дар боби охирон – «Сатҳи омӯзиши давлатдории Тоҳириёну Саффориён дар осори Эмомалӣ Раҳмон» аҳамияти ҷойгоҳи ду сулолаи тоҷиктабори Хуросону Мовароуннаҳр дар таърихи халқи тоҷик ба таври мушаххас баррасӣ мегардад. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаи мазкур бештар ба воқеъияти таърихӣ ва манфиатҳои тоҷикон таваҷҷуҳ намудааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия шомили 15 банд буда, дар ҳар як банд кӯшиш шудааст, ки муҳтавои асосии зербобҳои панҷ боби асосӣ дар шакли натиҷагириҳои зарурӣ инъикос гарданд.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе ҷанбаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ҳангоми баррасии масъала муаллиф бештар ба консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих бартарӣ додааст, ки на дар ҳама мавридҳо рӯи кор гирифтан аз он ба манфиат мебошад.

2. Номи баъзе мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва шаҳр давлатҳои дар шаклҳои мухталиф омадааст, масалан Порт ва ё Парфия, Нусай ва ё Нисо.

Қобили зикр аст, ки ин гуна эродҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқотӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:**

д.и.т., профессори кафедраи таърихи умумии
факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М. Назаршоев — Э. Ҳоҷибеков
14 апрели соли 2025.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ,
кучаи Ш.Шоҳтемур 109
Тел.: (+992) 935011995
E-mail: elbon_hojibek@rambler.ru

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
Э. Ҳоҷибековро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи Моёншо Назаршоев — Н. Саидраҳмонов

Суроға: 736000,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,
Телефон (+992) 22248. E-mail:ksu. khorog@mail.ru
15 апрели соли 2025